Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, хиёбони Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниход шудааст.**

Мусаллам аст, ки дар шароити муосир муҳити молиявии соҳибкорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба таҳким додан ниёз дорад, зеро сатҳи капитализатсия паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад. Дар автореферати муаллиф роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ба самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ гуруҳбандӣ карда шуда, стратегияи такмили онҳо пешниҳод карда шудааст.

Ҳамзамон, дар кори илмии муаллиф таҳқиқоти асарҳои олимон–иқтисодчиёни машҳури ватанию хориҷӣ, ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи амвол ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ истифода шудаанд, ки кори диссертатсионии муаллифро боз ҳам пурмуҳтаво гардонидааст.

Дар баробари дастовардҳо ҳаминро қайд кардан ҷоиз аст, ки

1.Агар муаллиф ба роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳти микроиқтисодӣ бештар аҳамият медод,мазмуни диссертатсия боз ҳам ғанитар мегардид.

2.Дар диссертатсия номи олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон дода шуда, аммо дар кори илмӣ аз таҳқиқоти онҳо маълумотҳо нокифоя оварда шудаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида, ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию методии раванди таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар кор овардашуда метавонанд ҳангоми такмилдиҳии базаи қонунгузорӣ

дар соҳаи тадқиқшаванда, ва инчунин дар фаъолияти сохторҳои ҳокимияти маҳалии идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳалли рушди сармоягузорӣ пайдо созанд.

Аз он ҷумла:

-асосноккунии моҳияти назариявии ибораи муҳити молиявии соҳибкорӣ ва пешниҳоди нуқтаи назари муаллиф;

-исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;

-исбот намудани он ки, дар шароити муосир муҳити молиявии соҳибкорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ба таҳким додан ниёз дорад;

-пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ;

-пешниҳод намудани модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;

-пешниҳоди матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ) ба талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Номзади илмхои иқтисодӣ:
Н.и.и., дотсенти кафедраи "Иқтисодиёт ва идоракуни"-и
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ғафорзода Ҷонона Ғафор

«Имзои н.и.и. дотсент Ғафорзода Ҷонона Ғафор-ро тасдиқ мекунам».

**Сардори раёсати кадрхо**
**ва корҳои махсус** **Қодирзода С.** 02.12.25

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони 121, Телефон: (992) (37)224-13-83; Почти электрони: www.tgpu.tj